Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!

ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 37 (490),
06 октябри
соли 2022

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

БУЗУРГТАРИН ВА ГАРОНБАҲОТАРИН САРВАТ

Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.

Маҳз ҳамин забони ноби модарӣ халқи моро дар тӯли зиёда аз панҷуним ҳазор сол бар зидди тамоми бадбахтиҳову тохтутози аҷнабиён муттаҳиду сарҷамъ нигоҳ доштааст ва ба миллати тоҷик умри ҷовидонӣ бахшидааст.

Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурху сари баланди мо – тоҷикон – яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.

Сездаҳ сол пеш, яъне 5-уми октябри соли 2009 бо дарназардошти воқеияти замони соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул карда шуд.

Ин санаи муҳим Рӯзи забони давлатӣ эълон гардид ва ҳар сол аз ҷониби соҳибзабонон, яъне мардуми шарифи Тоҷикистон таҷлил карда мешавад...

Дар ин раванд, давра ба давра барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ карда мешаванд.

Аз ҷумла Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2030, ки 29-уми ноябри соли 2020 қабул гардид, дурнамои рушди забони моро барои даҳ соли оянда дар бар гирифта, ба татбиқи муваффақонаи қонуни забон равона шудааст...

Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки ғамхориву пуштибонии доимӣ нисбат ба забони давлатӣ вазифаи ҳар як фарди бонангу номуси миллат, яъне соҳибони забон мебошад...

Як нуктаи дигари муҳимро хотиррасон менамоям, ки забони тоҷикӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутоберо тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахти таърих гузаштааст ва имрӯз, ки мо дар масири бунёду таҳкими давлатдории миллӣ пеш меравем, рисолати худро ба сифати василаи ваҳдатсоз ва муттаҳидкунандаи мардуми Тоҷикистон муваффақона идома дода истодааст.

Боиси ифтихор ва фараҳмандии зиёди мо – ворисони ин забон ва мероси бузурги бо он навишташуда аст, ки ин забон то ба имрӯз ба шарофати хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ ва корнамоиҳои беназири фарзандони фарзонаву барҷастаи миллати тоҷик – аз Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ ва устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то Бобоҷон Ғафурову устод Садриддин Айнӣ ба ҳамон шакли асилу ноб, бо ганҷинаи ғаниву рангини вожаву истилоҳот ва таъбиру таркиботи дилнишину зебо боқӣ мондааст.

Воқеан, ҳамин забон аст, ки миллати тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо таъриху фарҳанги камназири худро тавассути он навишта ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст...

Аз ин рӯ, беэътиборӣ ё беэҳтиромӣ нисбат ба забон қотеътарин далели надоштан ё гум кардани ҳисси миллӣ мебошад.

Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон – аз хурд то бузург, равшанфикрону донишмандон, инчунин, дастгоҳи давлативу ҳукуматӣ ҳифз кардани забони бостонии зебову шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ, тозаву ноб ва поку беолоиш ба наслҳои оянда расонидани он аст.

Мо бояд шукрона кунем, ки истиқлоли давлатӣ барои ҷилову дурахши дигарбораи яке аз муқаддасоти миллии мо – забони тоҷикӣ, рушду такомул ва истифодаи он дар ҳамаи соҳаҳо заминаи созгор ва имкониятҳои фаровон муҳайё намуд.

Аз суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

САТРҲОИ СИПОС

БА ПЕШСАФОНИ “ОБУНА-2023”

Раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон барои пешсафӣ дар фаъолияти ҳизбӣ, аз ҷумла Рейтинги ҳизбии Обуна-2023, хосатан баҳри фаъолнокӣ ҷиҳати иҷрои нақшаи обуна ба нашрияи ҳизбии вилоятии “Ҳамрози халқ”

ба раиси ноҳияи Дӯстӣ НИШОНЗОДА ДАВРОН ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ АБДУЛҲАФИЗ ҚУРБОНОВ изҳори сипос намуда, боз ҳам баҳри пешсафии эшон дар ин самти сиёсати идеологӣ комёбиҳо таманно менамояд.

Котиботи Ситоди вилоятии Обуна-2023

ЗАБОН ҶОВИДОН ДОРАД МИЛЛАТРО - саҳ. 2

МАН БИПӮШАМ ҶОМАИ НАНГИ ВАТАН - саҳ. 4

КОҲИШИ НАРХ, НИГАРОНИИ ДЕҲҚОН - саҳ. 5

ТАТБИҚИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ ... - саҳ. 7

ГИРОМИДОШТИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Ҳамасола санаи 5-уми октябр “Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷашн гирифта мешавад, ки нишон аз арҷгузорӣ ва гиромидошти забони ширину шевои тоҷикӣ, посдории боз ҳам бештари он маҳсуб меёбад. Ба ин хотир дар толори Кохи фарҳанг ва маркази иттилоотии шаҳри Бохтар ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ-амалии «Саҳми мондагори Пешвои миллат дар бузургдошт ва рушди забони тоҷикӣ» баргузор гардид, ки дар он муовини раиси вилояти Хатлон Фирӯза Шарифӣ, олимону донишмандон, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, донишҷӯёну омӯзгорон иштирок доштанд.

Нахуст Фирӯза Шарифӣ, муовини раиси вилояти Хатлон доир ба мақоми забони давлатӣ, ташаббусҳои созандаи роҳбарияти олии мамлакат, бахусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ ва арҷ гузоштан ба он ибрози андеша намуд. Баъдан, доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав Рустам Тағоймурод дар мавзӯи «Нақши забон дар ҷомеа ва саҳми Пешвои миллат дар рушди он» баромад намуд.

Дар Конфронс ҳамчунин, Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДК ба номи А. Рӯдакӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат-ҳомии забони тоҷикӣ» маърӯза намуд. Дар идомаи конфронси илмӣ-амалии «Саҳми мондагори Пешвои миллат дар бузургдошт ва рушди забони тоҷикӣ» шоири халқии Тоҷикистон Меҳринисо Бобобекова ва Ортиқи Қодир, ҳунарманди халқии Тоҷикистон, роҷеъ ба мақому манзалати забони нобу шевои тоҷикӣ, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони давлатӣ ва гиромидошти Рӯзи забони давлатӣ изҳори андеша намуданд. Дар хотимаи чорабинӣ Отахон Саидзода, директори Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар ҳозиринро ба Рӯзи забони давлатӣ шодбош гуфта, аз ашъори шоирон шеъру ғазалҳо қироат намуд.

Далер Шарифов

ЗАБОН ҶОВИДОН ДОРАД МИЛЛАТРО

Миралиён Қиёмиддин, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, доктори илмҳои сиёсӣ

Дар ҳаёти инсон забон яке аз василаҳои муҳиммест, ки рисолати созандагӣ дорад, албатта, агар он дар ростои гуфтор ва кору пайкори нек истифода гардад.

Чуноне ки устод Саъдии Шерозӣ дар ашъори худ овардааст:

Гар сухан ҷон набувад,
мурда чаро хомӯш аст.

Яъне, забон, ки тариқи сухан садо медиҳад, дар воқеъ асоси ҳаётӣ дорад; дар як дам метавонад қасрҳо созад, дар ҳолати дигар қасрҳо сӯзад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки гаронарзиш будани забонро ҳар як шахс, ҳанӯз аз хурдсолӣ эҳсос кунад ва ба қадру қимати он бирасад.

Забон роҳнамои шахс аст, истифодаи самараноки он инсонро ба манфиатҳои зиёд ва манзалату нуфуз мерасонад, дар ҷомеа муаррифӣ мекунад, барои дастёбӣ ба ҳадафҳо ва амалисозии рисолатҳо роҳ мекушояд.

Ба ҳаёти инсон ҳамрисолат доштани забон ба он асос меёбад, ки он ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввалини пайдоиш, ҳастӣ, дар батни модар будан, муайян мегардад. Бинобар ин, забони аслӣ забони модарӣ ном дорад, яъне забони модарӣ ҳамон забоне аст, инсон бо он зода шуда, тарбият ёфтааст. Зимнан, забон чун модар беҳамто ва гаронарзиш аст, он бо инсон ба дунё омада, бо ӯ меравад, аммо нигоштаҳои он инсонро ҷовидон медорад.

Забон чун фарҳанги вуҷудии инсон ба дорандаи худ зимни истифодаи ҳадафнок умри ҷовидонӣ мебахшад. Чунончи миллати тоҷик маҳз бо хизмати фарзандони хеш дар гузашта, имрӯз ҷовид мондааст. Ҷовидонгузорони забони тоҷикӣ устодон А.Рӯдакӣ, А.Фирдвсӣ, У.Хаём, Ҷ.Балхӣ, С.Шерозӣ, А.Сино ва ғайра даҳҳо нафар мебошанд, ки ҳазор сол муқаддам ҳаёт ба сар бурдаанд. Садсолаҳо боз ин абармардон забони моро бо рисолаҳои эҷодӣ ва ихтироотии хеш ҷовид гузошта, дар сатҳи ҷаҳон маъруф гардонидаанд.

Имрӯз кифоя аст, ки дар дилхоҳ кишвари ҷаҳон забони худ, миллати худро муаррифӣ кунем, ки мо меросдорони Сино, Рӯдакӣ, Саъдию Ҳофиз ва Хаём ҳастем, ҳама дарҳо боз ва корҳо бобарор мегарданд. Ин аст қимати забон, ин ҳамон нуфузе аст, ки бо зар ва ё маблағи зиёд ба даст оварда намешавад.

Боиси зикр аст, ки дар ҷаҳон кишварҳое ҳастанд, ки забон надоранд, бо забони дигар миллатҳо ҳарф мезананд, мувофиқан фарҳанги маънавии заиф доранд, яъне камнуфузанд. Нуфузи давлату миллат дар забони миллӣ аст. Баъди ҳазорсолаҳо наслҳои ояндаи ин давлатҳо метавонанд пурсанд, ки забони миллии мо кадом аст?, албатта, посух инкорӣ аст.

Инчунин, дар ҷаҳон ҳастанд миллатҳои омехта, бо умри садсолаҳо, ки дар қиёс ба забони мо дар арсаи ҷаҳонӣ камнуфуз арзёбӣ мегарданд.

Дар таҷриба боре ҳолате пеш омад, ки дар як ҳамоише аз байни намояндагони якчанд давлат яке бояд сухан мегуфт. Яке аз ин ҳамоиш пешниҳод кард, ки: “ҷое тоҷик аст, меросдори фарҳанг ва таърихи бой, касе беҳтар аз ӯ сухан нагӯяд”. Яъне, қадрдонии мо тоҷикон дар нуфузи миллат, забони миллии мо аст, ки бо заҳмати гузаштагон ҷовидон боқӣ монда, ба ҷаҳониён хизмат дорад.

Чуноне Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз менамоянд: “... забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст”.

Имрӯз моро зарур аст, ки ҳамчун меросдори забони тоҷикӣ, миллати тамаддунофар, рисолати вичдонии худро бо эҳсоси ҳувияти миллӣ ва масъулияти баланди ватандорӣ ва хештаншиносӣ иҷро намуда, чун гузаштагон ба наслҳои оянда ин забони таърихӣ ва тамаддунофарро мерос гузорем.

Рӯзи забони
давлатӣ муборак бошад!

ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁН

БАРГУЗОРИИ СЕМИНАР-МАШВАРАТ ВА АКСИЯҲОИ ҲИЗБӢ, ДОИР КАРДАНИ СУҲБАТҲО БО ШАҲРВАНДОН ДАР МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ МАҚСАДНОКИ НЕРУИ БАРҚ, ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ҲАР ЯК ВАҶАБ ЗАМИН, ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ АЗ ҶУМЛАИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁНИ ШАҲРУ НАВОҲИИ ВИЛОЯТ БУДАНД. ЁДОВАР МЕШАВЕМ, МАВОДИ ИН САҲИФА, КИ ШАММАЕ АЗ ИҚДОМОТИ ЗИЁДИ ТАТБИҚШУДА ҲАСТАНД, ҶАНБАИ ҲИСОБОТӢ ДОШТА, МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯАШОН БАР ДӮШИ МУТАСАДДИЁНИ КУМИТАҲОИ ИҶРОИЯИ ШАҲРИЮ НОҲИЯВӢ МЕБОШАД.

БОХТАР.

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Синамо" (Муассисаи давлатии вилоятии Хатлонсинамо) бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ бо иштироки намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар дар мавзӯи бозгӯи таърихи миллати тоҷик ва Иҷлосияи тақдирсоз ҷамъомад баргузор шуд.

Инчунин, ба як қатор кормандони Муассисаи давлатии вилоятии Хатлонсинамо, ки нав ба аъзогии ҲХДТ қабул гардиданд, дар фазои тантанавӣ шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуд.

ХОВАЛИНГ.

Бо иштироки масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг дар деҳаи Навруҳои ҷамоати деҳоти ба номи Лоҳутӣ дар мавзӯи “Ҳифзи сарҳад ва ҳимояи Ватан аз душманон қарзи шаҳрвандӣ ва инсонии ҳар як сокини мамлакат аст”, вохӯрӣ доир карда шуд.

Дар вохӯрӣ гуфта шуд, ки ҳифзи сарҳад ва Ватани азизамон – Тоҷикистон вазифаи шаҳрвандӣ ва имонии ҳар як сокини мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳар як ҷавони синни даъватиро мебояд, ки худ барои ҳимояи марзу буми кишвар ба хоҳиши худ ба комиссариати ҳарбии ноҳия муроҷиат намояд. Зеро Ватани моро ба ғайр аз худи мо каси дигар посбонӣ ва нигоҳдорӣ наменамояд.

БАЛҶУВОН.

Дар доираи ташаббуси “Мактаби ман” раиси ноҳияи Балҷувон Сафарзода Бахтиёр, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи мазкур Зоирзода Маърифат, директори МТМУ №4-и ноҳия Ғуломов М. бо хатмкардагони солҳои хониши 2011-2012-и муассисаи таълимии болозикр вохӯрӣ ташкил намуда, аз вазъи ҳозираи мактаб ва ниёзҳои моддию техникии он бохабар шуданд. Дар интиҳо иштирокчиёни вохӯрӣ ҷиҳати бартараф намудани ниёзҳои мактаб мувофиқи имконият 13000 сомонӣ ба нақша гирифта, аз ин миқдор маблағ аллакай бо харҷӣ 7000 сомонӣ ба муассисаи таълимӣ таҷҳизот ворид карданд.

КӮШОНИЁН.

Таъмини амнияти саросарии кишвар, ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, ба эътидол овардани вазъи дохилии мамлакат, пуштибонӣ аз сулҳу амният ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон маҳз ба хизмати софдилонаю ватандӯстонаи ҷавонон вобастагии калон дорад.

Бо ҳамин мақсад Собиров Далер, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва Гадоева Дилфуза, мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён дар якҷоягӣ бо волонтёрони ҳизбӣ дар маркази ноҳия аксияе таҳти унвони “Ба хизмати Модар-Ватан омодаем” баргузор намуданд.

ЁВОН.

Дар оромгоҳи маҳаллаи Навкорами Ҷамоати деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова аъзо ва ҷонибдорони ҳизб, волонтёрони ҳизбӣ ба ҳашари умумӣ баромада, гирду атрофи оромгоҳро тозаву озода намуданд. Инчунин, дар дохили оромгоҳ мизҳои нишаст сохта, атрофи оромгоҳро бо симтур махкам намуданд.

Дар умум сокинони ноҳияи Ёвон дар татбиқи ташаббуси ҳизбии “Рӯзи ёдоварӣ” саҳми фаъолона дошта, пайваста чорабинии мазкур дар сатҳи баланд ташкил карда мешавад.

ҚУБОДИЁН.

Аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллатро сармашқи кори худ намуда, барои ободонии маҳал камари ҳиммат бастаанд.

Дар кӯчаи ба номи “Мирзо Турсунзода”-и ҷамоати шаҳраки ноҳия мардум сарҷамъона 500 метр ҷӯйборро тариқи экскватор канда, аз нав сохта истодаанд. Сокинони маҳал ният доранд, ки ташаббуси мазкурро минбаъд низ идома бахшида, дар ободию сарсабзии маҳал саҳми шоиста гузоранд.

А.ҶОМӢ.

Аъзо ва ҷонибдорони фаъоли ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар радифи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақша - чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати таҷлили сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, зимнан татбиқи босамари ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар самти рушди инфрасохтори деҳот бо ташкили корҳои ободонию созандагӣ зери унвони “Якҷоя месозем!” саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Дар доираи корҳои созандагию ободонӣ дар ТИ “Б. Раҳимзода”-и ноҳия бо дастгирии аъзо ва ҷонибдорони ҳизб зиёда аз 1,5-км роҳҳои байни маҳалла мумфарш карда шуда, ин иқдом минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

ҲАМАДОНӢ.

Роҳсозӣ ҳамчун рисолати нексиришт дар ҳаёти ҷомеа аҳамияти хосса дошта, ба бартарафсозии маҷмуи мушкилоти рӯзгор ва фароҳам овардани шароити пешрафти зиндагӣ мусоидат менамояд. Ҳизбиёни ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо масъулияти хосса дар бунёду азнавсозии роҳҳои мошингард саҳми босазо гузошта истодаанд.

Бо ибтикори шахсони олиҳиммату саховатпешаи деҳаи Ориёнои Ҷамоати деҳоти Қаҳрамон ва дастгирии раиси ноҳия Одиназода Бозоралӣ Неъмат роҳи деҳаи Ориёно то кӯчаи С. Шерозии шаҳраки Москва мумфарш шуда истодааст.

НОРАК.

Дар асоси нақшаи муштараки амалиёти умумивилоятӣ оид ба тоза намудани дохил ва атрофи оромгоҳҳо зери унвони "Рӯзи ёдоварӣ" Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии шаҳр, аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” ҳашари тоза намудани дохил ва атрофи оромгоҳҳоро ташкил намуданд.

Дар ин рӯз беш аз 80 нафар сокинон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои тоза намудани оромгоҳҳо, маҳкам намудани гирду атрофи оромгоҳҳо баромада, саҳми арзандаи худро гузоштанд.

ДАНҒАРА.

Кормандони ташкилоти ибтидоии ҳизбии КДФ “ХМК” дар ноҳияи Данғара, дар обод ду зебо гардонидани хиёбонҳо, гулгашту кӯчаҳои марказии ноҳия бо масъулияти баланд фаъолият менамоянд.

Бахшида ба 31 - умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ҳашар доир гардида, дар он дар баробари кормандони ниҳоди мазкур саҳми дигар аъзо ва ҷонибдорони ҳизб арзанда маҳсуб меёбад.

Ш. ШОҲИН.

Масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи мазкур дар бинои қасри фарҳанги ноҳияи Шамсиддин Шоҳин доираи васеи хонандагони синфҳои болоии муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҷамъ оварда, вохӯрӣ ташкил намуданд.

Мақсади ҷамъомад ҳидояти ҷавонон ба роҳи дуруст, пешгирӣ аз амалҳои номатлуб, огаҳӣ доштан аз ҳадафҳои гурӯҳҳои тундгаро ва амасоли инҳо буд. Зимнан таъкид карда шуд, ки ҷавонон аз шароиту фурсати муносиб истифода намуда, бояд донишҳои худро мукаммал созанд, бо дониши амиқу интизоми намунавӣ ибрати дигарон бошанд. Таъкид гардид, ки ҷавонон созандагони имрӯзу фардои кишваранд ва ин масъулиятро ҳар кадоми онҳо бояд хуб дарк намоянд.

ФАРХОР.

Бо мақсади тозаву озода намудани дохил ва атрофи қабристонҳо дар доираи нақша чорабиниҳои Кумитаи иҷроия ҲХДТ дар ноҳияи мазкур амалиёти умуминоҳиявии “Рӯзи ёдоварӣ” баргузор гашт ва кормандони Кумитаи иҷроия дар якҷоягӣ бо сокинон ва дигар аъзои фаъоли ҳизб дар оромгоҳи деҳаи Меҳровари ҷамоати деҳоти Ватан ҳаршари ободонӣ доир намуданд.

Дар ин амали хайру савоб аъзо ва ҷонибдорони ҳизб, волонтёрони назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи мазкур иштироки фаъолона дошта, корҳои тозакунии дохил ва атрофи қабристонро ба иҷро расониданд.

МАН БИПӮШАМ ҶОМАИ НАНГИ ВАТАН

Овони кӯдакӣ басо лаҳзаҳои ширин барои ҳар фард аст. Бо доштани як оилаи солим зиндагӣ бароям чунон зебо гузашт, ки нафаҳмидам чӣ гуна аллакай 22 соли ҳаётам сипарӣ шуд. Бо будани бародарони паҳлавон ва далеру шуҷоъ ҳеҷ гоҳ сарамро назди касе хам накардам. Падару модари меҳрубонам ҳамвора бароям таъкид месохтанд, ки ту нангу номуси бародаронат ҳастӣ! Ҳеҷ гоҳ сари онҳоро миёни дӯсту душман хам нагардон.

Баъди бо баҳои аъло хатм кардани таҳсилоти миёнаи умумӣ ба падар гуфтам, ки ба донишгоҳ дохил мешавам, дар аввал ризо нашуд, вале бародари хурдӣ бо пофишориҳои зиёд изҳор дошт, ки хоҳари азизамро худам мехононам ва ӯ зеби вазифаҳои роҳбарӣ дорад....

Бо дастгириву кумакҳои бародаронам донишгоҳро ҳам хатм намуда, имрӯз дар бахши дуюми зинаи магистратура таҳсил дорам. Бародари калониам бо сабаби мушкилоти иқтисодии оила ба Федератсияи Россия рафта, даромад оварду бародари хурдиро ба донишгоҳ дохил кард. Чун худ натавонист ба донишгоҳ дохил шавад, барои фарзанди падар тамоми шароитҳои таҳсилро фароҳам овард. Бародари хурдиам аз овони кӯдакӣ дар дил орзуи афсари милитсия шуданро мепарварид ва дар пайи расидан ба орзуҳояш ҷаҳду талош мекард. Дар дил орзуву ормонҳонҳои зиёд дошт, вале .....

Баъди ба донишгоҳ дохил шудану ду соли таҳсил, бародари хурдиям ба назди акаам ба Маскав рафт, то ман низ таҳсиламро идома диҳам. Ҳамеша дар куҷое, ки бошам бародаронамро дар барам эҳсос мекардам. Атрофиён мегуфтанд, ки чаро ҳамеша танҳоям, “ин қадар духтари ҷавон ҳастӣ магар аз чизе ё касе наметарсӣ?” Дар ҷавоб мегуфтам маро дуои падару модар роҳнамо асту шукри бародарони ба дил наздикам, ки куҷое бошам худро танҳо ҳис намекунам. Бо шинохти бародаронам ҳамагон нисбати ман ҳамчун хоҳари Муҳаммаду Бахтовар ба чашми бад нигоҳ намекарданд. Ҳамин сон бо шарофати бародарам Бахтовар соҳиби таҳсилоти оливу касбу кори дӯстдоштанӣ гардидаам. Аммо ҳоло нест ва хоҳари дилрешаш ба хотири хотираҳои бо бародари ғаюрам ба сар мебарам ва лаҳзаҳои суҳбатҳои дилнишинамон бо вай аз ёдам нахоҳад рафт.

Аммо аз дасти мо чӣ меояд, ки таваллуду марги инсон боамри тақдир аст. Реҳлати бародарам Бахтовар амри тақдир буд. Вай дар роҳи ҳифзи Ватан шаҳид шуд ва акнун ӯро тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистон фарзанди худ хондаанд.

Имрӯзҳо мо сӯзу гудози ҳар як хонадони тоҷикро барои шаҳидони Ватан эҳсос мекунем ва миннатдории худро ба раиси вилояти Хатлон Ҳакимзода Қурбон, раиси шаҳри Левакант Файзиддинзода Бунафша ва кулли мардуми Тоҷикистон мерасонем, ки дар маросими видои бародарам моро танҳо нагузоштанд.

Ифтихорам, қаҳрамонам, шери ман,
Бо шараф ҷон додай баҳри Ватан.
Лозим ояд, эй писар, баҳри Ватан,
Ман бипӯшам ҷомаи нанги Ватан.

Бахтовари азизи дар роҳи Ватан ҷон супурдаи мо, ба ту ваъда медиҳам, ки васияти вопасинатро иҷро намуда, боқии умр эҳтирому хизмати падару модарамонро ҷиддитар ба ҷо меоварам. Охир ман куҷое кору фаъолият дошта бошам, ҳамеша симои падару модар ва бародарони паҳлавонамро пеши назар дорам, ки бояд тавре рафтор намоям, мояи ифтихору сарбаландии онҳо бошад.

Бародари ба ҷону дил баробарам бо амри тақдир он рӯз фаро нарасид, ки ту хоҳараки дӯстдоратро дар зинаҳои баланди пешаи интихобнамудааш бубинӣ. Аммо мо хоҳарону бародарон ва зодмандонат ба ту ва ҳамяроқонат, ки ҷони худро баҳри ҳифзи Ватан-модар ва сарзамини хеш фидо намудед, сари таъзим фуруд меорем.

Хотиратон абадӣ ҷамъ бод, шаҳидони роҳи Ватан. Корнамоиҳои ҷовидонаи шумо дар роҳи ҳимояи Тоҷикистони азиз, дар ёди мо то абад боқӣ хоҳад монд. Умедворам, бо шиносоӣ ба корномаи шумо наслҳои ояндаи Тоҷикистони азиз ҳамеша баҳри ҳимояи Ватани худ омода мемонанд ва хизмати Ватан-Модарро қарзи муқаддаси хеш мешуморанд. Зеро дар урфият мегӯянд, бача замоне ҷавонмард дониста мешавад, ки хизмати Ватан-Модар кунад. Ва ту бародари азизу қаҳрамон ва дигар ҳамяроқони ҷонфидоят ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотираи мо фаромӯш нахоҳед шуд. Рӯҳат шоду хонаи охиратат обод бод.

Мирзоева ЗАРРИНА,
мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон

РЕЙТИНГИ ҲИЗБӢ «ОБУНА - 2023»

Обуна ба «Минбари халқ» то 30 сентябр

Шаҳру ноҳияҳо	*Фоизи иҷроиш*	*Мақом*
Восеъ	100 %	1
Темурмалик	100 %	2
Шаҳритус	100 %	3
Балҷувон	100 %	4
А.Ҷомӣ	100 %	5
Дӯстӣ	100 %	6
Панҷ	96,0 %	7
Н. Хусрав	90,0 %	8
Ш. Шоҳин	88,7 %	9
Фархор	82,1 %	10
Хуросон	81,0 %	11
Ҷайҳун	78,8 %	12
Норак	77,0 %	13
Бохтар	72,0 %	14
Левакант	70,5 %	15
Кӯшониён	65,9 %	16
Муъминобод	64,8 %	17
Ҷ.Балхӣ	58,1 %	18
Ҳамадонӣ	56,9 %	19
Қубодиён	50,0 %	20
Ховалинг	47,6 %	21
Ёвон	46,9 %	22
Данғара	42,6 %	23
Кӯлоб	35,0 %	24
Вахш	30,9 %	25

Обуна ба «Ҳамрози халқ» то 30 сентябр

Шаҳру ноҳияҳо	*Фоизи иҷроиш*	*Мақом*
Темурмалик	100 %	1
Н. Хусрав	100 %	2
Шаҳритус	100 %	3
Левакант	100 %	4
Восеъ	100 %	5
Кӯшониён	100 %	6
А.Ҷомӣ	100 %	7
Балҷувон	100 %	8
Дӯстӣ	100 %	9
Панҷ	96,0 %	10
Бохтар	95,0 %	11
Ш. Шоҳин	87,6 %	12
Норак	87,1 %	13
Фархор	78,1 %	14
Ҷайҳун	77,5 %	15
Данғара	71,7 %	16
Хуросон	70,8 %	17
Ҷ. Балхӣ	69,5 %	18
Муъминобод	66,7 %	19
Қубодиён	58,5 %	20
Ҳамадонӣ	52,8 %	21
Ховалинг	50, 0%	22
Ёвон	45,6 %	23
Вахш	43,6 %	24
Кӯлоб	30,8 %	25

Эзоҳ: дар вилоят иҷроиши нақшаи обуна ба «Минбари халқ» ҷамъ 67,9% (26485 нусха), ба «Ҳамрози халқ» 76,4% (16276 нусха)-ро ташкил медиҳад. Иҷрои нақша аз рӯи санаи иҷро ба ҳисоб гирифта шуда, зимнан Рейтинг муайян карда мешавад.

КОҲИШИ НАРХ, НИГАРОНИИ ДЕҲҚОН

Тайи ду моҳи ахир аст, ки дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ҷамъоварии ҳосили пахта бо маром идома дошта, деҳқонону сокинон дар саҳро саргарми коранд. Масъулини соҳаи кишоварзӣ мегӯянд, ки бо истифода аз рӯзҳои офтобӣ талош доранд, ки ҳосилро саривақт ҷамъоварӣ карда, барои коркард ба корхонаҳои коркардӣ пахта супоранд. Вале коҳиш ёфтани нархи пахта то андозае деҳқононро нигарон кардааст.

АЗ РӮҲБАЛАНДИИ ПАХТАЧИН

Имсол ҷамъоварии пахта дар ноҳияи Дӯстӣ нисбати соли гузашта дертар оғоз шуда бошад ҳам, вале бархе аз хоҷагидорон мегӯянд, ки ҳосил хуб аст. Имсол занони пахтачин бо неруи дучанд ба пахтазорҳо мераванд, зеро ба як килои он як сомонӣ ҳақ мегиранд. Ҳар сол дар ин мавсим занони деҳот ба кори мавсимӣ таъмин шуда, то ҳадде дар таъмини буҷаи оилаи хеш саҳм мегузоранд.

Фирӯза Одинаеваи 47 сола аз ҷамоати деҳоти Навзамини ноҳияи Дӯстӣ аст, ки ҳар рӯз субҳи барвақт ҳамроҳи ҳамсояҳояш барои ҷамъоварии пахта ба саҳро меравад. Мегӯяд, ки боло рафтани нархи чиниши пахта занонро рӯҳбаланд кардааст. Дар як рӯз аз 90 то 100 кило пахта мечинад.

«Имсол ҳосили пахтаи хоҷагиҳои деҳқонии деҳаҳои мо нисбати соли гузашта хуб аст. Хонаводаҳое, ки ду ё се нафар ҳастанд, дар як рӯз то 300 кило пахта мечинанд. Дар як рӯз 300 сомонӣ пули кам нест. Дар ин мавсим қисми даромади хонаро аз пули пахта таъмин мекунем. То ба имрӯз хоҷагидорон саривақт ҳаққи корамонро додаанд», – иброз дошт Ф. Одинаева.

АГАР НАРХ ПОЁН РАФТАН ГИРАД...

Фарҳод Уралов, хоҷагидоре аз ҷамоати деҳоти Деҳқонободи ноҳияи Дӯстӣ мегӯяд, ки 2 гектару 35 сотих хоҷагии деҳқонӣ дорад, ки имсол дар як гектари он кишти пунбадонаи пахта гузаронидааст. То ба имрӯз 2 маротиба ҳосилро ҷамъоварӣ карда, ба корхонаҳои коркарди пахта расонидааст. Мегӯяд, ки имсол ҳосили пахта бад набуда, то 24,5 сентнер ҳосил меғундорад.

«Аз ду чинак 2 тонну 450 кило пахта ҷамъоварӣ кардем. Аз аввали мавсим корхонаҳои коркарди пахта бо нархи 11 сомонӣ харидорӣ карданд. Мутаассифона ҳосили чинаки дуюмро 10 сомонӣ қабул карданд. Дақиқ намедонам, вале овоза шудааст, ки нархро ба 9 сомону 50 дирам расонидаанд. Агар пахтакорон аз 22 сентнер кам ҳосил гиранд, ба ҷойи фоида зарар мебинанд», – мегӯяд хоҷагидор.

Ба гуфтаи Фарҳод Уралов агар нархи пахта дар корхонаҳои коркарди пахта ҳамин тавр поён рафтан гирад, хоҷагидорон хароҷоти кардаашонро ҷуброн нахоҳанд кард, зеро дар мавсими гузаронидани кишти пунбадона ва нашъу намо ёфтани он як халта нурии минералӣ ба 600 сомонӣ расида буд. Илова бар ин нархи сӯзишворӣ низ рӯз то рӯз боло рафта истодааст. «Масъулини корхонаҳои коркарди пахта гуфтанд, ки дар биржа нархи пахта коҳиш ёфтааст. Аз хориҷи кишвар низ харидорони ин маҳсулоти содиротӣ кам гардидааст. Барои ҳамин арзиши пахтаро поён бурдаанд», – гуфт Ф. Уралов.

АЗ НИГАРОНИИ КИШОВАРЗ

Суҳроб Аминов, раиси ҷамоати деҳоти Навзамини ноҳияи Дӯстӣ бар он ақидааст, ки дар аввалҳои моҳи сентябр нархи пахта дар корхонаҳои коркарди пахтаи ноҳия аз 11 сомонию 50 дирам то 11 сомонию 70 дирам буд. Вале ба ҳолати 30 сентябр ин рақам ба 9 сомонию 50 дирам расидааст, ки боиси ташвиши деҳқон гардидааст. Зеро деҳқонон дар мавсими кишт нуриҳои минералиро бо нархи гарон дастрас кардаанд, инчунин арзиши сӯзишворӣ низ қимат буд.

«Коҳиш ёфтани нархи пахта дар корхонаҳо пахтакоронро нигарон кардааст. Бархеи онҳо маҳсулоти хешро дар хона ва нуқтаҳои қабули пахта нигоҳ дошта истодаанд. Дар сурати боло шудани нарх онҳоро мефурӯшанд», – ироа дошт С. Аминов.

Ба гуфтаи ӯ ҳосили пахта дар заминҳои ҷамоати деҳоти Навза-

мин фаровон аст. Дурнамои пахтаи ҷамоати деҳоти мазкур имсол як ҳазору 249 тонна буда, ба ҳолати 30 сентябр 550 тонна ҷамъоварӣ шудааст, ки 44 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Ҳосил, ки дар саҳро фаровон аст, умед аст хоҷагидорон аз иҷрои дурнамо сарбаландона баромада метавонанд. Лозим ба зикр аст, ки ҷамоати деҳоти Навзамини ноҳияи Дӯстӣ аз маркази ноҳия беш аз 30 километр дур аст ва дар онҷо шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 250 ададро ташкил медиҳад, ки самти асосии фаъолияташон пахтакорӣ мебошад.

САҲРО ВА ҲОСИЛИ ПАХТА

Дар ноҳияи Дӯстӣ имсол майдони умумии кишти пахта 7 ҳазору 602 гектар буда, дурнамои ҳосил бошад 17 ҳазору 700 тоннаро ташкил медиҳад. Комилҷон Ҳоҷияров, сардори Раёсати кишоварзии ноҳия мегӯяд, ки нисбати соли гузашта имсол чиниши ҳосили пахтаро 5 рӯз дер оғоз кардаанд, вале ба ин нигоҳ накарда, ҳосил дар саҳро фаровон аст. Алъон ҷамоатҳои деҳоти 20 солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нури Вахш ва ҷамоати деҳоти Навзамин нисбати дигар ҷамоатҳо дар ҷамъоварии пахта пешқадам мебошанд. Ба ҳолати 29 сентябр дар ноҳия 10 ҳазору 256 тонна пахта ҷамъоварӣ шудааст, ки ин 58,5 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад. Масъулин итминон доранд, ки то санаи 25 октябр нақшаи дурнаморо сарбаландона иҷро менамоянд.

Амонҷон Муҳиддинов,
«Ҳамрози халқ»

Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз

Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.sinoptic.com

06 октябр	07 октябр	08 октябр	09 октябр	10 октябр	11 октябр	12 октябр
+15° +28°	+14° +28°	+15° +29°	+15° +28°	+15° +28°	+15° +29°	+15° +29°

Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.

МОҲИЯТИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ “САРБОЗИ ИХТИЁРӢ”

Дар радифи 28 ташаббуси созандаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Барномаи “Сарбози ихтиёрӣ” аз тарҳҳои ҷадиде ба ҳисоб меравад, ки ба тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандии ҷавонон ва бо назардошти таҳлили мушкилоти ин самти фаъолият таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Барои татбиқ гардидани ин тарҳи муҳим Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳо, Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон “Созандагони Ватан” муваззаф гардида, ҳамзамон, ташкилотҳои ибтидоии маҳаллаву деҳот бояд, ки ҷиҳати дар сатҳи муносиб амалӣ шудани барномаи мазкур мусоидат намоянд. Ташаббуси “Сарбози ихтиёрӣ” бо мақсади тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва ҷасорату мардонагӣ, аз ҷумла хизмати ихтиёрии ҳарбӣ роҳандозӣ гардида, итминон меравад, ки мурури фаъолонкии ҳизбиён ва шариконӣ дар ин самт фаъолиятдошта, бо истифода аз усулҳои муосири амаливу идеологӣ дар татбиқи ин барномаи ҷадид саҳми муносиб мегузоранд.

“Сарбози ихтиёрӣ” яке аз механизмҳои ҷадиди халқии сафарбарнамоии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ арзёбӣ гардида, барнома бо дастгириву мусоидати раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва Кумитаҳои маҳаллаву деҳот натиҷаҳои самарабахш дода метавонад. Албатта, иҷрокунандагон ва гурӯҳи мусоидат ба татбиқи ин барномаро мебояд, ки аз оғоз ва раванди фаъолият дар ин самт мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва комиссариати ҳарбиро огоҳ намоянд.

Тибқи нақшаи тарҳрезишуда, механизми иҷроиши тарҳи мазкур аз 12 қадами устувор иборат мебошад, ки дар мадди аввал бо мусоидати масъулони сохтори марбута бояд маълумоти оморӣ оид ба ҷавонони синни даъват, мақоми зист ё будубош ва шуғли даъватшаванда дастрас карда шавад. Баъди муайян ва гурӯҳбандии феҳристи номи даъватшавандагон, интихоби деҳаҳои пилотӣ ба сифати озмоиш ва вобаста намудани деҳаву кӯчаҳои озмоишӣ (афзалиятнок) ба кормандони кумитаи иҷроия, ташкили машваратҳои дастурдиҳӣ бо масъулони маҳал, муҳим аст, ки дар раванди татбиқи механизми халқии сафарбарнамоии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ (хизмати ихтиёрӣ) гурӯҳи ташаббускор бо сокинон ва масъулони мақомоти марбута бобати иҷрои бечунучарои шарту шароитҳои муқарраргардида ба мувофиқа бирасанд.

Тибқи механизми мазкур бояд бо иштироки сокинон-волидони даъватшавандагон тариқи қуруъапартоӣ сафарбарии ихтиёриён муайян карда шуда, феҳристи онҳо ба мақомоти ваколатдор пешниҳод карда шавад, то бобати афзалият додан ба кӯчаҳои интихобӣ дахолат карда нашавад. Дар баробари гузаронидани вохӯриҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба моҳияти даъвати саривақтии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ба сокинон фаҳмонидани афзалиятҳои иҷтимоӣ барои сарбози ихтиёрӣ ниҳоят муҳим аст. Зеро, огоҳии мардум аз имтиёзҳои барои сарбозони итхитёрӣ нигаронидашуда, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба масъалаи сафарбаркунии саривақтии ҷавонон ба хизмати Ватан-Модар зиёд мегардонад.

Дар умум, Барномаи “Сарбози ихтиёрӣ”, ки дар дуввумин мавсими сафарбаркунии даъватшавандагон ба хизмати ҳарбӣ мавриди амал қарор дорад, аз ташаббусҳои ҷадид ва усулии замони муосир арзёбӣ мегардад, ки дар сурати ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба татбиқи он тамоми мушкилиҳо ва масъалаҳои ҳалталаби мавсими даъват ба хизмати ҳарбӣ ҳалли худро пайдо мекунад.

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир дар баробари иқдомҳои муҳими Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар самти ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба иҷроии саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба даъвати навбатии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ, инчунин, бо ташаббуси роҳбарияти баъзе шаҳру ноҳияҳо ва дигар сохторҳои марбута нақшаи даъват дар рӯзҳои аввали ин маъракаи муҳими сиёсӣ иҷро мешавад, ки шоистаи таҳсин аст. Мебояд ба хотири иҷрои нақшаи даъвати ҳарбӣ дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ идеяву барномаҳои ҷадидеро ба мисоли “Сарбози ихтиёрӣ” роҳандозӣ намуд, то ин маъракаи муҳими сиёсӣ мояи ифтихору сарбаландии мардуми Тоҷикистон бошад. Биноан, дар кадом сатҳу сифат иҷро шудани ин барнома аз Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ташкилотиҳои ибтидоии он вобастагӣ дорад, ки то кадом андоза моҳияти татбиқи ин идеяро ба сокинон ва ниҳоду соҳаҳои дар ин самт вобаст расонида метавонанд.

Ҷамолиддин УСМОНИЁН,
“Ҳамрози халқ”

ХОСИЯТҲОИ ДАВОГИИ АНОР

Анор - ин самар навъҳои гуногун дорад: ширин, майхуш, турш. Мизоҷи анори ширин умуман сард дар дараҷаи дувум ва дар якум тар аст. Мизоҷи пӯсташ сард ва хушк аст, бисёр қабзиятовар мебошад. Беҳтарини самари анори ширин бузургдона ва шодоби он аст. Агар бихӯранд, ғизоияташ кам, вале аз он хуни солим пайдо мешавад, боднок аст. Узвҳои баданро аз моддаҳои зарарнок пок мегардонад, гиреҳҳои мавҷударо мекушояд, дарунро мулоим мекунад, пешобро меронад, ташна мегардонад. Агар инро баъд аз таом бихӯранд, таомро зуд аз меъда фуруд меоварад. Инчунин, хӯрдани ин рӯҳи табииро, ки маконаш ҷигар аст, соф ва дурахшон мегардонад, худи ҷигарро қувват мебахшад; барои истисқои обӣ, сустии ҷигар (суулқиня), зардпарвин, беморихои сипурз, дилтапак (дилбозӣ), дарди узвҳои даруни сина, сурфаи гарм дору мешавад, овозро соф ва равшан мекунад, баданро фарбеҳ мегардонад; қутур ва хоришро дафъ месозад, ранги рухсораро некӯ менамояд.

Вале анори ширинро аз ҳад зиёд бихӯранд, меъдаро заиф мегардонад. Азбаски ин боднок аст, масомҳои пӯстро дағал мегардонад, инчунин барои одамони табгирифта зарар дорад. Дар ин маврид барои ислоҳи ин анори турш бояд бихӯранд. Ва агар ба одамони сардмизоҷ зарар кунад, занҷабил бихӯранд, зиёнаш ислоҳ меёбад.

Оби анори ширинро дар об ҷӯшонида, ғафс гардонида бошанд, инро рубби анори ширин мегӯянд.Рубби онро бихӯранд, назар ба оби он қавитар аст. Вале хӯрдани ин ҳам меъдаро суст мегардонад дар ин ҳолат барои ислоҳи зиёнаш мустако бояд хӯрд. Чун сари анори ширинро сӯрох карда, дафъа ба дафъа ба қадри ғунҷоиши он равғани бодоми ширин ё равғани бунафша дар он рехта, ба рӯйи оташ гузоранд, то он ки равғанро бимакад ва ба ҳадде расад, ки дигар равғанро ҷазб накунад. Он анорро бимаканд, дарди узвҳои даруни сина ва сурфаи хушки кӯҳнаро дафъ мекунад. Оби анори ширинро бо шакар ва нишоиста, шилми бодом ва равғани бодом, ки нимгарм бошад, нимгарм бардавом бихӯранд, низ ҳамин асарро дорад.

Оби ин анорро дар шиша рехта ба офтоб гузоранд, то он ки ғафс гардад ва баъд онро дар чашм кашанд, рӯшноии онро меафзояд — ҳарчанд ин кӯҳнатар шавад, беҳтар ва қавитар мегардад. Хӯрдани тухмаш бодангез аст, дар меъда бод пайдо мекунад. Гулашро сӯхта бипошанд, ҷароҳатҳоро ба ҳам оварда хушконида, сиҳат мекунад.

Мизоҷи анори майхуш (туршу ширин) дар сардӣ ва тарӣ моил ба эътидол аст. Дар дигар ҷиҳат монанди анори ширин мебошад. Вале дар таскин додани ҷӯшиши сафро ва ҷӯшиши хун аз он қавитар аст ва барои одамони сафровимизоҷ назар ба анори ширин ва турш форамтар мебошад. Оби анори майхушро, ки бо ҷирмҳои дарунаш фишурда гирифта бошанд, аз 150 то 300 грамм бо 70 грамм шакари нав биёшоманд, барои дафъ кардани моддаи сафро бо исҳол ва қувват бахшидан ба меъда даво мебошад; табҳои сафровӣ, зардпарвин, қутур ва хоришро дафъ мекунад — дар ин хислат монанди ҳалилаи зард аст.

Чун оби анори майхушро дар зарфи мис ба қивом ованранду бимоланд, барои шилпуқӣ, қутур ва қавӣ гардонидани чашм давои хубест, инчунин ҷароҳатҳои кӯҳна ва хабисаро (злокачественные язвы)-ро шифо мебахшад. Мизоҷи анори турш дар дараҷаи дувум сард ва хушк аст.

Хурдани анор дарунро сахт мекунад; тафс, гармии меъда ва ҷигарро таскин медиҳад; ҷӯшиш ва фишори баланди хун ва сафроро паст мегардонад ва ба меъда рехта шудани моддаҳои зарарнокро манъ мекунад, пешобро меронад, намегузорад, ки бухорҳои зарарнок аз поёнии бадан ба майна бароянд ва дуднокии онҳоро дафъ месозад. Хумор, қай ва дилтапак (дилбозӣ)-ро ба ибро меоварад.

Аз “Канзи шифо”

ТАТБИҚИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ ДАР МАҲАЛ

Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятноки ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар ба ин соҳаи калидӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Бо ин мақсад Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илм ташаббусҳои созандаеро таҳти унвони “Соати сиёсӣ” ва “Мактаби ман”-ро рӯи кор оварданд.

Хушбахтона, дар муддати начандон зиёд ташаббусҳои **“Соати сиёсӣ”** ва **“Мактаби ман”** аз ҷониби қишрҳои гуногуни ҷомеа ҳамовозӣ пайдо намуд. Аз ҷумла, амалиёти “Соати сиёсӣ” шанбеи охири ҳар моҳ (дар давраи таҳсил) дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии вилоят баргузор мегардад, ки аз раванди он тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамагон огаҳӣ дорем.

Бинобар гуфтаи Вализода Сайфиддин, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Вахш амалиёти муштараки ҳизбӣ таҳти унвони **“Соати сиёсӣ”** ва “**Мактаби ман”** барои маорифчиён бисёр як иқдоми муҳим маҳсуб мешавад, зеро бо роҳандозӣ гардидани амалиёти мазкур ҷаҳонбинии хонандагону омӯзгорон боло рафта, шароити муносиб барои таълиму тарбияи онҳо таъмин мешавад.

Боиси зикр аст, ки дар **“Соати сиёсӣ”** аслан мавзӯъҳои ба монанди асосҳо ва дастовардҳои сиёсии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, вазъи сиёсии Тоҷикистон ва ҷаҳон дар як моҳи охир, экстремизм ва тундгароӣ дар ҷомеаи муосир ва таъсири онҳо ба ҷомеаи солим, ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, идеология, асосҳои идеологии кишвар, эҳтиром ба мақоми мактаб, илму маориф ва омӯзгор мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Боиси зикр аст, ташаббуси **“Соати сиёсӣ”** дар тамоми муассисаҳои таълимии ҳудуди вилояти Хатлон доир гардида, дар он шахсони соҳибтаҷриба, олимону коршиносони варзида ба ҳайси маърӯзачӣ даъват мешаванд, ки албатта ин иқдом дар болоравии маърифати иштирокдорон саҳми муассир хоҳад дошт.

Тибқи иттилоъ дар ноҳияи Вахш 67 муассисаи таълимӣ фаъолият дошта, чорабиниҳои ҳизбии **“Соати сиёсӣ”** ва **“Мактаби ман”** бо масъулияти хосса ташкил ва баргузор мешаванд. Мувофиқи гуфтаи масъулони соҳаи маорифи ноҳияи мазкур дар доираи ташаббусҳои муштараки ҲХДТ ва Вазорати маориф ва илм мавзӯю масъалаҳои рӯзмарраи марбути таълиму тарбия марҳила ба марҳила ҳалли худро ёфта истодаанд. Дар ноҳияи Вахш, аз ҷумла бо ҷалби хатмкардагони муассисаҳои таълимӣ то оғози соли хониши равон 15 муассисаи таълимӣ аз таъмири капиталӣ бароварда шуда, дар самти таъмини синфхонаҳо бо мизу курсӣ ва дигар лавозимоти хониш низ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Дар ин раванд МТМУ №56 бо дастгирии Нуралӣ Ризоев, соҳибкори муваффақ, узви фаъоли ҳизб, хатмкардаи ин боргоҳи илму маърифат пурра аз таъмири капиталӣ бароварда шуда, дар Рӯзи дониш дари худро ба рӯи омӯзгорону толибилмон боз намуд.

–Солҳои пеш дар баъзе муассисаҳои таълимӣ норасоии ҷойи нишаст мушоҳида мешуд. Аз ҷумла, қаблан дар МТМУ №47-и ноҳия бинобар норасоии ҷойи нишаст хонандагон дар се баст таҳсил мекарданд. Акнун, бо роҳандозӣ гардидани ташаббуси созандаи **“Мактаби ман”** ин мушкилӣ ҳалли худро пайдо кард. Маорифчиёни ноҳияи Вахш бо изҳори миннатдорӣ аз дастгириҳои бевоситаи роҳбарияти олии ҲХДТ тасмим гирифтаанд, ки дар татбиқи минбаъдаи ташаббусҳои созандаи ҳизб саҳми арзандаи худро боз ҳам бештар хоҳанд гузошт, – иброз дошт Вализода Сайфиддин, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи мазкур.

Бинобар иттилои Муртазо Тӯйчиев, сарвари МТМУ №16-и ноҳияи Вахш, дар доираи ташаббуси ҳизбии “**Мактаби ман”** дар назди муассисаи мазкур синфхонаҳои иловагӣ бунёд гардид, ки дар ин иқдоми хайр хатмкардагони муассиса ва соҳибкорони маҳаллӣ саҳми муассири худро гузоштанд. Дар ин давра аз ҷониби ташаббускорон 11 синфхонаи иловагӣ бунёд гардид, ки маблағи умумии корҳои анҷомшуда дар ин тарҳ зиёда аз 1 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин муассисаи таълимӣ 1 ҳазору 302 хонанда таҳсил дошта, бо ба истифода додани синфхонаҳои иловагӣ яке аз мушкили асосии соҳаи таълиму тарбия бартараф гардид.

Хулоса, ташаббусҳои созандаи ҳизбиён дар самти рушди маориф натиҷаҳои самарабахш ба бор оварда, ҷиҳати ба таълиму тарбия фаро гирифтани насли наврас шароити мусоид фароҳам гардида истодааст. Ҷавобан, ба таваҷҷуҳу ғамхориҳои роҳбарият ва фаъолони ҲХДТ дар вилояти Хатлон, кормандони соҳаи маорифро мебояд дар татбиқи барномаҳои ҷадид, ки ба пешрафти соҳа нигаронида шудааст, бо масъулияти дучанд саҳмгузорӣ намоянд.

Зебо БОЗОРОВА,
“Ҳамрози халқ”

БИЁ БИХАНДЕМ!



— Ҳа Аҳмад, глобус харидӣ?

— Ҳа, барои занам.

— Занат муаллим набуд-ку.

— Хайр, аз ҳисоби ман як дунёро тамошо кунад гуфтам-дия!

*****

— Занак, дар иди бонувон ба ту чӣ туҳфа кунам?

— Ҳмм, намедонам. Нағзакак фикр карданам даркор.

— Офарин, ман ба ту як сол муҳлат медиҳам. Бемалол фикр кардан гир.

*****

— Ҳазрат, агар шабона аз рӯи занам нур борад, ин чӣ маъно дорад?

— Шогирд, ин маънои онро дорад, ки занат телефони туро мекобад.

*****

Ду шикорчии лофчӣ суҳбат мекарданд. Якеаш гуфт:

— Ман хирси сафедро бо дастони худ буғӣ карда куштам.

Дуюмаш паст фаромадан нахоста гуфт:

— Дар бораи Баҳри Мурда шунидай?

— Бале.

— Ҳамон баҳрро ман куштаам!

Аз саҳифаи фейсбукии
Сайидамир ВАЛИЗОДА

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Аттестати гумшудаи Т-ШТУ №0091700, ки онро соли 2006 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39 ноҳияи Вахш ба Каримова Фотима Махмудовна додааст, эътибор надорад.

Подшоҳе ҳангоми пӯст кандани себ бо як корди тез, ангушти худро бурид. Вақте нолону гирён табибонро металабид, вазираш гуфт: " Ҳеҷ кори Худованд бе ҳикмат нест."

Подшоҳ аз шунидани ин ҳарф нороҳат шуду фарёд кард: "Дар бурида шудани ангушти ман чи ҳикмате аст?" Дастур дод вазирро зиндонӣ кунанд.

Рӯзҳо гузашт то ин ки подшоҳ барои шикор ба ҷангал рафт, дар он ҷо он қадар аз сарбозонаш дур шуд, ки ногаҳон худро миёни қабилаи ваҳшиён танҳо ёфт.

Онҳо подшоҳро дастгир карда, ба қасди куштан ба дарахте бастанд.

Аммо расми ачибе ҳам доштаанд, ки бадани қурбониёнашон бояд комилан солим бошад. Чун подшоҳ як ангушт надошт ӯро раҳо карданд ва ӯ ба қасри худ боз гашт. Дар ҳоле, ки ба сухани вазир меандешид, фармони озодии вазирро дод.

Вақте вазир ба хидмати шоҳ расид, шоҳ гуфт: "Дуруст гуфтӣ, бурида шудани ангуштам барои ман ҳикмате доштааст, вале ин зиндон рафтан барои ту ҷуз ранҷ кашидан чӣ фоидае доштааст?

Вазир дар посух ба подшоҳ лабханде заду гуфт:

"Барои ман ҳам пурфоида ва ҳикмате буд чаро, ки ман ҳамеша дар ҳама ҳолат бо шумо будам. Агар он рӯз дар зиндон намебудам ва ҳамроҳи шумо ба ҷангал мерафтам ва ҳоло ҳатман бо дасти он ваҳшиҳо кушта шуда будам."

Гирдоваранда
Аҳлиддин МУБОРАКШОҲ

ТАВАҶҶУҲ!

Сканворди рӯзномаи «Ҳамрози халқ» №36 (29.09.2022)-ро Амирализода Ашк-Ашуралӣ Юсуфӣ, нафақахӯр аз шаҳри Левакант дуруст пур карда, ғолиб дониста шуд.

Ҷавоби сканворди ҳафтаномаи №36

		Э	М	О	М	А	Л	И			А	В	Р	У	П	О
	Г		О					Т					А		У	
Ҷ	И	Л	Д					Т					С	А	Т	Ҳ
	М		А					И					О		И	
А	Н	О	Р					Ф					Н	А	Н	Г
Р		Л		М	И	Р	З	О		А	Л	М	А			О
М	Ӯ	И	Н	А		О		Қ		Ш		И		З	И	Л
А				С	И	Т			С	А	Ф	Р	О		С	
Т	О	М	А	Т		А	С	Л	О			С		О	О	Н
У		А		Ч	И	Т	А		Я	К	К	А		Ф	Р	И
Р	У	С	Т	О		О	Р	Е		Т	А	И	Т	И		Р
А		Ҳ		Ҳ	А	Р	Ф		К	О	Р	Д		С	Т	О

СКАНВОРД

ТАВАҶҶУҲ! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!

Ҳар нафаре, ки аввалин шуда сканвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтаномаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.

Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.



Ҳамрози халқ

Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Маҳмадалӣ Акрамов**

Ҳайати мушовара: **Қурбон Ҳакимзода,** раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Миралиён Қиёмиддин,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Зебо Бозорова, Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Аҳлиддини Муборакшоҳ** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-02-11**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **19700** нусха нашр шуд.